**Суратмаҷлиси № 19**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

10. 07 соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Марҳамат аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Маҳмадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои таърих, профессор Олимов М.А. ва аъзои комиссия профессорон Турсунов Т.Х. ва Муродова Н.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Маҳмадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Маҳмадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият

(охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Маҳмадкулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Қудратов Комрон Абдунабиевич - номзади** илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 24-уми сентябри соли 2025, соати 13:30 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд**.

Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т. Расулиён Қ.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.т. Умаров А.Қ.